Суратҷаласаи №7

Шӯрои машваратии ҷамъиятии назди КВДК "Хуҷандобуканал"

Ҷаласаи муштараки Шӯро бо КВДК "Хуҷандобуканал"

29 июли соли 2016 шаҳри Хуҷанд

Иштирок доштанд: Абдуҷалилов И.Ҷ- директори генералӣ, Ҳоҷи Валӣ Набизод-Сардори Хадамоти матбуот, Ғафуров-ҳуқуқшинос, сардорони минтақаҳои фурӯши оби сохили рост ва чап, намояндгони шӯъбаи иқтисодӣ, ташхиси оби тоза, техникӣ, намояндаи Филили "Иттифоқи Истеъмолкунандагони Тоҷикистон" дар вилояти Суғд, аъзоёни Шурои машваратӣ, фаъолани маҳаллаҳо, намояндаи Сарраёсати ободонии ш.Хуҷанд, рӯзноманигорони ШТР "Азия".

Рӯзномаи маҷлиси муштарак:

1. Баромади директори генералии КВДК "Хуҷандобуканал", оид ба маълумоти мухтасар дар бораи масъалаҳои ҷойдошта дар соҳаи таъмини оби нӯшокӣ, қарзҳои муштариёни оби нӯшокӣ ва корхонаҳои буҷавӣ.
2. Баромади сардори шӯъбаи кор бо муштариёни соҳили рост оид ба таъмини оби нушокӣ.
3. Баромади сардори шӯъбаи ҳуқукии КВДК "Хуҷандобуканал", оиди моҳияти шартнома хизматрасонӣ.
4. Дида баромадани масъалаҳои ҷорӣ.

Ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар якҷоягӣ бо вохӯрии КВДК "Хуҷандобуканал" бо истеъмолкунандагони фаъоли оби нӯшокӣ баргузор гардид. Ҷаласаи мазкур ба ду кисмат тақсим карда шуд. Қисмати аввал ба таъмини оби нӯшокӣ ва пардохти хизматрасонӣ, қисмати дуюм бошад ба муаммоҳои ҷойдошта вобаста шуда буд.

Сароғоз сардори хадамоти матбуоти КВДК "Хуҷандобуканал" Ҳ.В.Набизод баромад намуда, иштирокчиёни чаласаи муштаракро хайрамақдам намуд ва моҳияти муштарак барпо намудани ҷаласаи навбатии Шӯроро бо вохӯрии намояндагони КВДК "Хуҷандобуканал" бо истеъмолкунандагони фаъоли оби нӯшокӣ гуфта гузашт. Дар баромади худ Ҳ.В.Набизод қайд намуд, ки барои таъмини шаффофият дар фаъолияи корхона ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ҷаласаи муштарак натиҷаи назаррас хоҳад дод.

Баъдан сухан ба директори генералии КВДК "Хуҷандобуканал" Абдуҷалилов И. Ҷ., дода шуд. Ӯ гуфт, ки дар назди корхона муаммоҳо вучуд доранд, ки асосии онҳо оби полезӣ, маданияти пасти истифодабарии каналзатсия аз тарафи муштариён, пардохти ҳаққи хизматрасонӣ мебошанд. Вале ин муаммоҳо ҳалшаванда мебошанд, қайд намуд Абдуҷалилов И.Ҷ. Барои ин, корхона корбарӣ намуда истодааст, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ барои оби полезӣ қубурҳо гузаронида шудаанд, бо истиқоматкунандагони маҳалҳои шаҳр барои баланд бардоштани маданияти истифодабарии оби нӯшокӣ ва канализатсия,

инчунин барои пешгирии садамаҳо дар канализатсияҳо, ки дар як рӯз то 30 садамаҳо рух медиҳанд воҳӯриҳо гузаронида шуда истодааст. Оиди масъалаи оби полезӣ аз тарафи намояндаи Сарраёсати ободонии шаҳр пешниҳод карда шуд, ки аз системаи ирригатсионӣ истифода намоянд, зеро маблағи чунин об аз оби нӯшокӣ камтар мебошад, ва инчунин ҳангоми истифода намудан аз чунин об барои обёрӣ оби нӯшокии безараргардонидашуда истифода нахоҳад шуд. Инчунин қайд карда шуд, ки ин система ба пурраги ташаккул меёбад, ва ташкил намудани ташкилоти хизматрасонии ирригатсионӣ дар оянда ба назар гирифта шудааст.

Сониян, сардори минтақаи фурӯши оби соҳили рост Бурхонов А., оиди сатҳи хизматрасонӣ ва пардохт маълумот дод. Гуфта шуд, ки дар соҳили рост маҳаллаҳои Бешкаппа, 80 солагии Душанбде, Чашмаи Арзана, микроноҳияҳои 27, 28, 29, 31, 32, 33, 34, ва инчунин 8, 12, 13, 18, 19 микроноҳияҳо пурра бо об таъмин мебошанд. Танҳо маҳаллаи Чашма 3 ва 26 микроноҳия мутобиқи реҷаи кории стансияи обӣ 8 соат бо оби нӯшокӣ таъмин мебошанд. Дар ин маҳалҳо 27,397 муштариён бо оби нӯшокӣ таъминанад. Аз 27, 397 муштарӣ 26, 210 нафари онҳо бо обченкунак таъмин мебошанд, ва пардохти хизматрасонӣ аз рӯи он ба амал бароварда мешавад. Бо 1, 188 муштариён шартномаи хизматрасонӣ баста шудааст. Дар нимсолаи якум бошад, соҳили рост бо 1, 284,105м$^3$ об таъмин шудааст, ки маблағи он дар ҳаҷми 1, 696,275 млн сомонӣ аз тарафи муштариён пардохт карда шудааст. Пас аз он, аз тарафи ҳуқуқшиноси КВДК "Хуҷандобуканал" оиди матлаби шартномаи хизматрасонии корхона, ки бо муштариён баста мешавад маълумот дод.

Баъдан оиди пардохти ҳаққи хизматрасонӣ аз тарафи сардори шӯъбаи иқтисодӣ Ғафурова маълумоти мухтасар дода шуд. Аз тарафи корхона дар нимсолаи яккум 4, 435, 000 м$^3$ оби нӯшокӣ интиқол дода шудааст, ба миқдори 2, 468, 000м$^3$ партовобҳо бароварда шудаанд, ки ҳаққи хизматрасонӣ ба маблағи 8, 027, 000 сомонӣ пардохт шудааст, ки ин 101% ташкил медиҳад. Аз тарафи аҳолӣ хизматрасонии корхона пурра пардохт карда шуда истодааст, корхонаҳои буҷавӣ 80%, корхонаҳои комуналӣ 33% пардохт кардаанд, ки боқимонда қарз мебошанд, қайд кард ӯ дар баромади худ.

Бо ҳамин, қисмати аввали ҷаласа ба охир расид. Баъдан қисмати дуюми ҷаласа, ки вобаста ба масъалаҳои ҷорӣ, ки дар Шӯро баррасӣ мешавад бахшида шуда буд, оғоз гардид. Аз тарафи аъзои Шӯро Москаленко В.П., аксҳои чоҳакҳои кушода, ки дар микроноҳияи 33, ки пурра бо партов пур гаштаанд оварда ба иштирокчиён барои шинос шудан тақсим карда шуд. Оиди чунин чоҳакҳо аз тарафи намояндаи КВДК "Хуҷандобуканал" гуфта шуд, ки дар мӯҳлатҳои наздик онҳо аз партов тоза карда шуда, пӯшида мешаванд. Ва инчунин аз тарафи дигар аъзои Шӯро Каримова пешниҳод карда шуд, ки дар маҳаллаҳои шаҳр воҳӯриҳо бо истиқоматкунандагон тез тез ба роҳ монда шавад, то ки маданияти истифодабарии обро баланд бардорем, исрофшавӣ ва талафоти оби нӯшокиро кам намоем.

Ҷаласаи муштарак аз тарафи раисони маҳаллаҳо бо саволу ҷавоб ба анҷом расид.

Раиси комиссия: Бурхонов Р.С.

Котиби комиссия: Ҳ.В.Набизод